ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

номзади илми филология, дотсент Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода ба диссертатсияи Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода дар мавзӯи «Вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион (дар мисоли телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Сафина”)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2013 бо дипломи аълочӣ хатм кардааст. Кори диссертатсионии ӯ роҷеъ ба ташаккул, таҳаввул, мушкилот ва дурнамои фаъолияти муҳаррир дар телевизионҳои Тоҷикистон ба яке аз мавзуъҳои мубрам, муосир ва то имрӯз пажуҳишнашудаи журналистикаи тоҷик бахшида шудааст.

Масъалаи мазкур, ки муваффақият, мушкилоту монеа ва дурнамои фаъолияти муҳаррирро дар телевизионҳои ватанӣ баррасӣ мекунад, мавзӯи нав буда, нахустин маротиба ба таври фарогир дар илм таҳқиқ мешавад.

Дар кори диссертатсионӣ аввалин маротиба фаъолияти муҳаррир дар телевизион ҳамчун соҳаи мушаххас дар заминаи яке аз талаботи муосири истеҳсоли барномаҳои телевизионӣ таҳлил мегардад. Маҷмӯи проблемаҳо ва вазифаҳои фаъолияти муҳаррир дар телевизион низ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Агар фаъолияти муҳаррирро истифодаи технологияҳои гуногуни рушдёбанда дастрас карда бошад, аз ҷониби дигар, масъулияти зиёдро бар дӯши ӯ вогузор намудааст.

Диссертант бори аввал фаъолияти эҷодии муҳаррирро дар баробари фаъолияти техникии ӯ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи мазкур дар баробари таълифоти як силсила мақолаву рисолаҳои муҳаққиқиони соҳа дар як рада қарор гирифта, ҳусни таваҷҷуҳ ва эътирофи халлоқияти ҳунари диссертантро собит менамояд.

Бояд зикр кунем, ки як воҳиди ҷудонашавандаи раванди эҷодӣ муҳаррири телевизион аст. Вай барои ҷузъҳои истеҳсоли маводи аудиовизуалии телевизионӣ масъул мебошад. Дар шароити муосир шабакаҳои телевизионии муосир дар Тоҷикистон бештар ба сифати барномаҳо диққат дода, ба беҳтар шудани онҳо такя мекунанд ва муҳаррир дар ин раванд шахсияти зарурӣ мегардад. Вазифаҳои муҳаррир аз таҳияи консепсияи барнома, кор аз рӯи сенарияҳо ва

тасдиқи онҳо иборатанд. Ғайр аз ин, муҳаррир кори наворбардоронро назорат мекунад, графики эфириро тартиб дода, ба кадрҳо баҳо медиҳад ва барои дар эфир пахш шудани намоиш онро омода менамояд.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомдодаи Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода метавон ба чунин натиҷа расид, ки муҳаррир шахси маълумотнок буда, бояд қонунҳои тафаккури мантиқӣ ва меъёрҳои забони адабии муосирро донад.

Диссертант дуруст мешуморад, ки имрӯз моҳияти касби муҳаррири телевизион тағйир ёфтааст. Вазифаҳои қаблӣ акнун вазифаҳои навро фаро мегиранд ва муҳаррирро ба созмондиҳанда ва назоратчии раванди эҷодии таҳияи барнома марбут мекунанд.

Муҳаррири барномаҳои телевизионӣ мутахассисест, ки кори эҷодии барномаҳои телевизиониро ташкил мекунад. Агар барандаи барнома шахсияти асосии он бошад, пас муҳаррир созандаи намоиш аст. Вай ҳамеша дар паси парда кор мекунад, аммо дар айни замон дар лоиҳа нақши асосиро мебозад.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия И. Ҳ. Нарзуллозода барои ҳалли вазифаҳои дар пеш гузошта, татбиқи амалии натиҷаҳои пажуҳиш, исботи муҳиммияти мавзуъ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, баррасии объект ва предмети таҳқиқ масъулияти баланд нишон дод.

И. Ҳ. Нарзуллозода дар таҳқиқи мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, баррасии муназзам ва пай дар пайи вазифаҳои асосии муҳаррирро вобаста ба таҳияи барномаҳои телевизионӣ дақиқ кардааст.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода дар мавзуи «Вазифа ва масъулияти муҳаррир дар телевизионҳои Тоҷикистон» пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад дар самти таҳқиқи паҳлуҳои соҳаи журналистикаи телевизион мусоидат намояд. Диссертатсия сарчашмаи мукаммали илмӣ дар шинохти мафҳуми «муҳаррири телевизион» буда, дар шароити Тоҷикистон объекти нави таҳқиқи илмӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф шаклҳои нави фаъолияти муҳаррирро бозгӯ намуда, ӯро дар рафти барномасозӣ нафари аввал донистааст. Аз ин нуктаи назар, ба илми ватанӣ ворид гардидани ин мафҳум назари хоссаи муаллиф дониста мешавад.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти фаъолмандии муҳаррир дар телевизион ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода шавад ва ҳамчунин ба ҳайси як заминаи назарӣ барои пажӯҳишҳои минбаъда хизмат намояд.

Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар рисола коркарду таҳқиқшуда метавонад ҷиҳати беҳтар кардани фаъолияти муҳаррир дар телевизион, шинохти уҳдадориҳои ӯ, татбиқи ҳадафҳои иттилоотонӣ, курсу семинарҳо ва таҳияи китобҳои дарсӣ мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, ҷомеаи журналистӣ ва шабакаҳои телевизионӣ метавонанд дар татбиқи сиёсати иттилоотӣ ва стратегияҳои идории худ аз хулоса ва натиҷаҳои диссертатсия истифода намоянд. Маводи кори диссертатсиониро барои таълими асосҳои касби муҳаррирӣ дар мактабҳои олӣ ва низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ истифода бурдан мумкин аст.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад.

Ҳангоми таълиф диссертант ба адабиёти нав диққати хоса додааст. Қобили зикр аст, ки ба ҳайси адабиёти диссертатсия на танҳо асарҳои олимони ватанӣ, балки хориҷӣ низ васеъ истифода гардидаанд.

Яке аз махсусиятҳои кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки И. Ҳ. Нарзуллозода тавонистааст оид ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд орад, онҳоро зери суол ва шубҳа кашад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд. Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нашудааст.

Ҳарчанд ҷо-ҷо услуби публитсистӣ дар навиштаҳои муаллиф эҳсос мешавад, аммо баёни дақиқи фикр ва таҳлили далел намунаи ибрат аст.

Аз лиҳози тартиб кори диссертатсионӣ ба талаботи пешниҳодкарда мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқ, асосҳои методологии

таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявии таҳқиқ, аҳаммияти амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия қайд гардидааст.

Боби аввали диссертатсия - “Сифатҳои касбии муҳаррири телевизион” аз се фасл иборат аст. Фасли аввали боби якум “Мафҳуми «муҳаррири телевизион»” ном дошта, роҷеъ ба ин раванд таҳқиқ сурат мегирад. Дар фасли дуюми боби якум – “Меъёрҳои касбияти муҳаррири телевизион” дар шароити муосири Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Дар фасли сеюми боби якум «Махсусияти фаъолияти муҳаррир дар телевизион» мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт.

Боби дуюм “Нақши муҳаррири телевизион дар ҷараёни таҳияи барнома” аз се фасл иборат аст. Дар фасли якуми боби дуюм «Вазифаи муҳаррир дар давраи омодакунии барнома» таҳқиқ мешаванд. Масъалаи «Ҷараёни сабт ва уҳдадориҳои муҳаррир» дар фасли дуюми боби дуюм таҳқиқ мегардад. Фасли сеюми боби дуюм «Танзим ва иштироки муҳаррир баъд аз сабт» ном дорад.

Боби сеюми диссертатсия – «Муҳаррир ва вижагиҳои офаридани сенарияҳои барномаҳои телевизионӣ» аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли якуми боби сеюм «Махсусияти сенарияи телевизионӣ ва тафовути он аз дигар сенарияҳо» таҳқиқ мегардад. Фасли дуюми боби сеюм оид ба «Иштироки муҳаррир дар офаридани сенарияи телевизионӣ» таҳлил мекунад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифӣ манзур гардидаанд.

Хулосаҳою тавсияҳои И. Ҳ. Нарзуллозода касбӣ буда, баёнгари мундариҷаи диссертатсия ҳастанд ва бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд.

Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 7 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст.

Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ба дараҷаи зарурӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Бо назардошти сифатҳои зикршудаи шахсии муаллиф, қобилияту маҳорат ва омодагии ӯ ба корҳои илмию таҳқиқотии мустақил ҳамчун роҳбари илмӣ чунин меҳисобам, ки кори диссертатсионии Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода дар мавзӯи «Вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион (дар мисоли телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Сафина”)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ рисолаи анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ аст ва онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

РОҲБАРИ ИЛМӢ:
номзади илми филология,
дотсенти кафедраи телевизион
ва радиошунавонии ДМТ **Ҳамидиён И. И.**
12.10.2022 с.

Имзои Ҳамидиён И. И.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э. Ш.**

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тамос: (+992 37) 2217711, +992 919708170.
E-mail: i.hamidiyon@gmail.com